«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ____________
«15» ____01______ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон соли 2013 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси – “Ҳуқуқшинос” дохил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст.

Аз соли 2018 то имрӯз дар вазифаҳои гуногун дар Донишгоҳи давлатии Данғара адои вазифа намудааст. Аз 14 октябри соли 2020 то имрӯз унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ҳисоб меравад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14 октябри соли 2020 №2 тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2019, №452 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Қодирзода Далер – Сайфулло номзади илмҳои ҳуқуқшиноси, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2026, №6. муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мутобиқат мекунад.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсия дар доираи «Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030» ва корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экпертизаи судии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6

мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои илмии дар ҷараёни таҳқиқот бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи боэътимоди методологӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ хизмат намоянд. Онҳо имконият фароҳам меоранд, ки масъалаҳои мубрами марбут ба тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат амиқтар, ҳамаҷониба ва бо истифода аз равишҳои муосири илмӣ мавриди омӯзиш қарор гиранд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастомада метавонанд ба такмили асосҳои назариявии криминалистика ва рушди консепсияҳои нави илмӣ дар самти муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои вобаста ба воситаҳои нақлиёт мусоидат намоянд.

Ғайр аз ин, аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар таҳкими робитаи байни илм ва амалия низ ифода меёбад. Пешниҳодҳои илмии муаллиф метавонанд барои таҳияи барномаҳои нави илмӣ-таҳқиқотӣ, такмили усул ва воситаҳои тафтишотӣ, инчунин барои ташаккули тавсияҳои методӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ замина гузоранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти амалӣ низ мебошанд. Онҳо метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ зимни таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти таъмини бехатарии ҳаракат ва мубориза бо

ҷиноятҳои марбут ба он истифода шаванд. Ҳамчунин, мавод ва хулосаҳои диссертатсия метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои криминалистика, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, криминология ва курсҳои махсуси тахассусӣ мавриди истифода қарор гиранд, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи касбии донишҷӯён, магистрантон ва кормандони амалӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар баробари ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳо, Бозрасии давлатии автомобилӣ ва муассисаҳои экспертизаи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шаванд. Истифодаи онҳо ба такмили усулҳои тафтиш, баланд бардоштани сифати ҷамъоварӣ ва арзёбии далелҳо, инчунин таъмини адолати судӣ мусоидат менамояд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Рисолаи номзадии Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ масъалаи саривақтӣ ва муҳими илмӣ маҳсуб ёфта, барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Саҳми шахсии муаллиф пеш аз ҳама дар иштироки бевосита ва мустақими ӯ дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқоти илмӣ ифода меёбад. Муаллиф мустақилона масъалагузории илмиро муайян намуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро таҳия кардааст, заминаи назариявӣ ва методологии онро асоснок гардонида, таҳлилу баррасии сарчашмаҳои илмӣ ва амалиро анҷом додааст.

Ғояҳо, консепсияҳо, хулосаҳо ва мавқеъҳои илмие, ки дар диссертатсия таҳия ва ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, натиҷаи фаъолияти мустақилонаи

эҷодии муаллиф мебошанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот равишҳои навро пешниҳод намуда, бархе аз масъалаҳои баҳсталабро аз дидгоҳи нав таҳлил ва арзёбӣ кардааст, инчунин пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ-амалиро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ироа намудааст.

Саҳми шахсии муаллиф ҳамчунин дар таҳияи тавсияҳои методӣ, ҷамъбасти натиҷаҳо ва асоснокқунии илмии пешниҳодҳо зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли нашрияҳои илмӣ, аз ҷумла мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда, инчунин маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд, ки сатҳи илмӣ ва мустақилияти таҳқиқотро тасдиқ менамоянд.Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 7 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М]**. Саидзода, Р.Ҳ. Тавсифи криминалистикии ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №5. – С. 273-277; ISSN 2413-5151.

**[2-М]**. Саидзода, Р.Ҳ. Тавсифи ҳолатҳои садамавии роҳ ва намудҳои садамаҳои нақлиётӣ [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Осори Академия. – 2020. – №4 (48). – С. 161-165; ISSN 2412-141X.

**[3-М]**. Саидзода, Р.Ҳ. Масоили тактикии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи

воситаҳои наклиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Осори Академия. – 2020. – №4 (48). – С. 161-165; ISSN 2412-141X.

**[4-М].** Қодирзода, Д.С., Саидзода, Р.Ҳ. Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наклиёт [Матн] / Д.С. Қодирзода., Р.Ҳ. Саидзода // Осори Академия. – 2025. – №3 (67). – С. 30-38; ISSN 2412-141X.

**[5-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Тактикаи пурсиши айбдоршаванда дар мавриди тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №3 (39). – С. 262-1268; ISSN 2414- 9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ–амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Баъзе аз хусусиятҳои тактикаи ташкил ва гузаронидани пурсиш вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо»: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия. – Душанбе, 2022. – С. 401-410.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кори тақикии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12.

Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 10 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 12 январи соли 2026, №6.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии факултети**
**ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.ҳ., Назаров А.Қ**

**Котиби ҷаласа: Ҳабибзода Н.Х.**

**Имзоҳои Назаров А.Қ ва Ҳабибзода Н.Х.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.**

**«12» январи 2026с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj